**Ба Шӯрои диссертатсиони 6D.КОА-002**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Азимова Зебоҷон Муродалиевна дар мавзӯи: «Санадҳои корпоративӣ дар механизми танзими ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқи ҳуқуқии умуминазариявӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод мешавад**

Диссертатсияи Азимова З.М. ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ бахшида шуда, дар он мафҳум, аломатҳо, намудҳои санадҳои корпоративӣ, нақши онҳо дар механизми танзими ҳуқуқӣ таҳқиқ карда мешавад. Мубрамияти мавзӯи диссертатсияро муаллиф бо дарназардошти омилҳо ва равандҳои ҳаёти имрӯзаи ҳуқуқӣ, аз ҷумла ташаккулу инкишофи муносибатҳои нави иқтисодӣ ва хоҷагӣ, танзими онхо бо истифодаи тарзу усулҳои нави танзими ҳуқуқӣ, субъектони нави ин муносибатҳо, пеш аз ҳама, ширкатҳо, афзоиши шумораи ин субъектҳо, вазъи махсуси ҳуқуқии ин субъектон, танзими корпоративии муносибатҳои нави иқтисодӣ, идоравӣ, истеҳсолӣ, меҳнатӣ, вусъати ҳуқуқэҷодкунии корпоративӣ исбот мекунад. Тавре муаллиф қайд мекунад, дар дохили ширкатҳо қоидаҳои тартиботи дохилӣ, қоидаҳои иштироки аъзоён дар идоракунии ширкат, қоидаҳои танзимкунандаи фаъолияти молиявӣ ва хоҷагӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ бо мақсади танзими ҳуқуқии муносибатҳои байни аъзоён, кормандон, мақомоти идоракунӣ қабул мешаванд. Бар замми ин, санадҳои меъёрии ҳуқуқии корпоративӣ хусусиятҳо, шаклҳои махсуси ифода, эътибори муайяни ҳуқуқӣ ва фазои амал дошта, дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқ мавқеи муҳим доранд. Бо ин ақидаҳои муаллиф мебояд розӣ шуд.

Мебояд зикр намуд, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии корпоративӣ чун падидаи нави ҳаёти ҳуқуқӣ дар маркази таваҷҷуҳи олимони соҳаи назарияи умумии ҳуқуқ ва илмҳои ҳуқуқшиносии соҳавӣ қарор дорад.

Айни замон оид ба мафҳуми санадҳои корпоративӣ, намудҳо, нишонаҳои онҳо дар илми ҳуқуқшиносӣ нуқтаҳои назари гуногун ҷой доранд. Дар диссертатсия мафҳумҳои илмии «санади меъёрии ҳуқуқии корпоративӣ», «ҳуқуқэҷодкунии корпоративӣ», «меъёрҳои корпоративӣ», «танзими ҳуқуқии корпоративӣ» ва дигар таҳлил ва пешниҳод карда мешаванд. Онҳо аз лиҳози умуминазариявӣ таҳқиқ гардида, барои илмҳои ҳуқуқии соҳавӣ аҳамияти илмӣ-методологӣ доранд. Аз ин нуқтаи назар, мавзӯи диссертатсия мубрам буда, натиҷаҳои он аҳамияти илмӣ ва амалӣ доранд.

Заминаи илмии диссертатсияро асарҳои илмии намояндагони соҳаҳои гуногуни илми ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла асарҳои назариётчиёни ҳуқуқ (С.С. Алексеев, В.К. Бабаев, М.Н. Марченко, А.В. Малко, В.С. Нерсесянс, А.С. Пиголкин ва дигарон), мутахассисони соҳаи санадҳои корпоративӣ (А.В. Митскевич, С.С. Алексеев, Т.В. Кашанина, Е.А. Лукашева, В.К. Самигуллин ва дигарон), асарҳои бахшида ба санадҳои локалӣ (С.В. Бошно, Е.Н. Букреева, А.В. Бичкова, В.П. Васкевич ва дигарон), асарҳои намояндагони ҳуқуқи корпоративӣ (В.П. Галперин, А. Гордон, Е.П. Губин, В.В. Долинская, И.А. Еремичев ва дигарон) ташкил медиҳанд. Заминаи ғании илмӣ имон додааст, ки мавқеи муаллифи диссертатсия аз лиҳози илмӣ ва методологӣ исбот карда шавад.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсиониро таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқии санадҳои корпоративӣ, аз ҷумла мафҳум, намудҳо, нишонаҳои ин санадҳо, ҳуқуқэҷодкунии корпоративӣ ташкил медиҳад. Бо дарназардошти мақсади зикршуда дар диссертатсия як қатор вазифаҳо гузошта мешаванд. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки вазифаҳои гузошташуда пурра ҳалли худро ёфтаанд.

Диссертатсияи Азимова З.М. яке аз нахустин таҳлилҳои умуминазариявии санадҳои корпоративӣ дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Дар диссертатсия зимни таҳлили ҳаматарафа, воқеъбинона ва танқидии нуқтаҳои назари гуногуни илмӣ ақидаҳо ва мафҳумҳои илмии муаллиф оид ба мафҳум, нишонаҳо,

намудҳои санадҳои корпоративӣ, санади корпоративии фардӣ, санади меъёрии ҳуқуқии корпоративӣ, талаботи умумӣ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии корпоративӣ, афзалияти санадҳои меъёрии ҳуқуқии корпоративӣ, камбудӣ ва нуқсонҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии корпоративӣ, ҳуқуқэҷодкунии корпоративӣ, принсипҳои умумӣ ва махсуси ҳуқуқэҷодкунии корпоративӣ аз лиҳози илмӣ асоснок ва пешниҳод карда мешаванд.

Навғонии илмии диссертатсия бо нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, собит мегардад. Нуктаҳои илмӣ дар 10 банди алоҳида ифода ёфта, дар онҳо ақидаҳои нави муаллиф оид ба мафҳум ва нишонаҳои санадҳои корпоративӣ, санадҳои корпоративии меъёрӣ ва ғайримеъёрӣ, мафҳум ва нишонаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии корпоративӣ, фазои амали санадҳои меъёрии ҳуқуқии корпоративӣ, танзими муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ, намудҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии корпоративӣ, талаботи пешниҳодшаванда ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии корпоративӣ, камбудӣ ва нуқсонҳои санадҳои меъёрии корпоративӣ, афзалияти санадҳои меъёрии ҳуқуқии корпоративӣ, такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии корпоративӣ, ҳуқуқэҷодкунии корпоративӣ ифодаи худро меёбанд.

Дар боби якуми диссертатсия мафҳуми санадҳои корпоративӣ таҳқиқ карда мешавад. Дар зербоби якуми боби якум "Мафҳум ва нишонаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" нуқтаҳои назари илмӣ оид ба мафҳум ва нишонаҳои санади меъёрии ҳуқуқӣ, намудҳои онҳо, низоми мартаботии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо дарназардошти таҷрибаи Тоҷикистон ва давлатҳои дигар (Россия, Франсия, Британияи Кабир. Эрон, Покистон, Арабистони Саудӣ ва дигар) таҳқиқ карда мешавад. Зимни таҳлили андешаҳои мубоҳисавӣ оид ба мафҳуми қонун, таносуби қонун ва кодекс, таносуби санади меъёрии ҳуқуқӣ ва санади локалӣ муаллиф мавқеи худро баён мекунад. Бо истифода аз таҷрибаи ҷаҳонӣ муаллиф ба хулоса меояд, ки ҳоло санади меъёрии ҳуқуқӣ дар ҳамаи давлатҳо сарчашмаи муҳимми ҳуқуқ мебошад. Мебояд зикр намуд, ки таҳлили мафҳуми санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар зербоби алоҳидаи

диссертатсия анҷом дода мешавад, аз лиҳози методологӣ қобили қабул аст. Ин имконият медиҳад, ки таносуби санади меъёрии ҳуқуқӣ ва санади меъёрии ҳукуқии корпоративӣ, мавқеи санади корпоративӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқ муайян карда шавад. Дар заминаи натиҷаҳои илмӣ, ки дар зербоби мазкур ифода ёфтаанд, дар зербобҳои дигари диссертатсия нишонаҳои санадҳои корпоративӣ дар таносуб бо санади меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд.

Дар зербоби дуюми боби мазкур “Мафҳум ва аломатҳои санадҳои корпоративӣ” мафҳуми санадҳои корпоративӣ дар робита бо хусусиятҳои онҳо, танзими корпоративӣ таҳқиқ карда мешавад. Дар ҷараёни таҳкиқоти диссертатсионӣ мафҳуми танзимнамоии корпоративӣ чун шакли таъсиррасонии корпоративӣ тавассути низоми воситаҳои меъерӣ – ташкилӣ муайян карда мешавад (саҳ.45). Нуқтаҳои назари олимон оид ба саҳми муайяни меъёрҳои корпоративӣ дар танзими ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар иртибот бо консепсияҳои меъёрӣ, сотсиологӣ ва маънавии фаҳмиши ҳуқуқ таҳлил карда мешавад. Мафҳуми санади корпоративӣ дар ҳошияи дарки мафҳуми корпоратсия муайян карда мешавад (саҳ.48).

Муаллиф санадҳои корпоративиро ба қарорҳо, амалҳо ва ҳуҷҷатҳо тақсим мекунад. Қарорҳо дар шакли хаттӣ бароварда мешаванд, амалҳо фаъолияти мушаххаси мақомоти корпоратсияро ифода мекунанд, ҳуҷҷатҳо маҷмӯи меъёрҳои идоракунии дохилиро дар бар мегиранд (саҳ. 50). Хулоса пешниҳод мешавад, ки санади корпоративӣ тамоми аломатҳои санади ҳуқуқиро дорад ва аз ин лиҳоз ҳуҷҷати ҳуқуқӣ мебошад (саҳ.51). Айни замон андешаи як қатор олимон дар бораи имкони қабули санади корпоративӣ дар шакли шифоҳӣ рад карда мешавад. Маҷмӯи талаботе, ки зимни тахияи санади корпоративӣ бояд риоя карда шаванд, муфассал таҳлил карда мешавад. Ба ҳайси нишондиҳандаҳои сифатнокии санади корпоративӣ муаллиф талаботи зеринро пешниҳод мекунад: санадҳои корпоративӣ бояд воқеияти объективиро инъикос кунанд, сохтори муайян дошта бошанд, барои

ҳамаи аъзоёни корпоратсия, кормандони он фаҳмо бошанд, бо маҷмӯи реквизити ҳатмӣ таъмин карда шаванд (саҳ.51-52).

Хусусиятҳои санади корпоративӣ дар робита бо имкони эҷоди меъёрҳои корпоративӣ, салоҳиятнокӣ, ифодаи ҳуҷҷатӣ, мутобиқат ба Конститутсия, қонунгузорӣ ва санадҳои корпоративӣ, инчунин фармони роҳбар муайян карда мешаванд. Санадҳои корпоративӣ ба санадҳои меъёрӣ ва санадҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ ё санадҳои инфиродӣ тасниф карда мешаванд (саҳ.57). Ин ақидаи муаллиф дар ҷараёни таҳлили ақидаҳои олимон оид ба таносуби санади меъёрӣ ва санади фардӣ, танзими меъёрӣ ва мушаххаси ҳуқуқӣ, ки дар илми назарияи ҳуқуқ пазируфта шудаанд, асоснок карда мешаванд. Хулоса пешниҳод мешавад, ки санадҳои корпоративӣ бояд ҳамчун санадҳои омехта ҳисоб карда шаванд, чунки дар як вақт нишондоди меъёрӣ, инфиродӣ ва ғайримеъёрӣ доранд (саҳ. 61).

Дар зербоби сеюм "Намудҳои санадҳои корпоративӣ ва низоми онҳо" маҳакҳои гуногуни таснифи санадҳои корпоративӣ, аз ҷумла, тартиби муқарраршудаи қабули санад, ном ва шакли санад, муҳлат ва эътибори қонунӣ пайдо кардани санад истифода мешаванд. Тибқи доираи амали ҳудудӣ, санадҳои корпоративии байналмилалӣ, марказонидашудаи миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ фарқ карда мешаванд (саҳ.63-64). Ақидаҳои олимон оид ба таснифи санадҳои корпоративӣ вобаста аз эътибори ҳуқуқии он ба асос гирифта мешаванд. Муадллиф таснифи зеринро пешниҳод мекунад: санадҳое, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории гражданӣ нашр шудаанд, ва санадҳое, ки дар асоси қонунгузории меҳнат таҳия шудаанд. Оиннома ва шартномаи таъсисии ҷамъияти саҳомӣ ҳамчун шаклҳои санади корпоративӣ таҳлил карда мешаванд. Ҳамчунин, шаклҳои дигари санадҳои корпоративӣ (низомнома, қарорхои мақомоти идоракунӣ ва дигар) таҳқиқ карда мешаванд. Дар натиҷаи таҳлили намудҳои гуногуни санадҳои корпоративӣ муаллиф ба хулоса меояд, ки на ҳама ҳуҷҷатҳои корпоратсияҳо санади корпоративӣ мебошанд (саҳ. 73). Хулосаи мазкур дар заминаи таҳлили мазмуни дохилии санадҳои корпоративӣ пешкаш

мешавад ва қобили дастгирист. Принсипҳои умумии ташаккули санадҳои корпоративӣ, аз қабили озодӣ, адолат, принсипи демократӣ, баробарӣ, қонуният, илмият таҳлил гардида, дар заминаи онҳо таснифи санадҳои корпоративӣ гузаронида мешавад. Чунончи, дар заминаи принсипи демократӣ санадҳои корпоративӣ, ки аз ҷониби роҳбари ташкилоти корпоративӣ, шӯрои директорон, маҷлиси умумии аъзоён қабул мешаванд, ҷудо карда мешаванд (саҳ.79-80). Зимни таҳлили иерархияи санадҳои меъёрии корпоративӣ муаллиф ба хулоса меояд, ки дар низоми санадҳои корпоративӣ ҳамеша санади асосии корпоративӣ – оинномаи корпоратсия бартарӣ дорад. Хулосаи мазкур дар заминаи муайян намудани афзалиятҳои оинннома асоснок карда мешавад (саҳ. 84). Бо мақсади муайян намудани роҳҳои бартараф намудани ихтилофот дар низоми санадҳои корпоративӣ нуқсонҳо дар танзими санадҳои корпоративӣ муайян карда мешаванд (саҳ.88).

Дар зербоби чорум "Нақши санадҳои корпаративӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон" мафҳумҳои санад-амал, санад-ҳуҷҷат, санад - натиҷаи фаъолият муқоиса карда мешаванд. Нақши санадҳои корпоративӣ дар низоми ҳуқуқӣ бо дарназардошти аломатҳои санади корпоративӣ чун санади ҳуқуқӣ муайян карда мешавад (сах.91). Табиати ҳуқуқии санадҳои корпоративӣ дар алоқамандӣ бо хусуиятҳои меъёрҳои ҳуқуқии корпоративӣ муайян карда мешавад. Функсияҳои санадҳои корпоративӣ дар иртибот бо вазифаҳои танзими ҳуқуқӣ, ки онро меъёрҳои корпоративӣ иҷро мекунанд, муайян ва таҳлил карда мешаванд (саҳ.94-97). Моҳияти санади корпоративӣ, аз ҷумла мувофиқати он ба аломатҳои санади ҳуқуқӣ дар заминаи предмети танзими корпоративӣ, ки ба он санади корпоративӣ нигаронида шудааст, муайян карда мешавад (саҳ.100-101).

Дар боби дуюми диссертатсия "Нақши санадҳои корпоративӣ дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ" мафҳуми танзими ҳуқуқӣ, меъёрҳои корпоративӣ чун унсури асосии механизими танзими ҳуқуқӣ, хусусиятҳои танзими корпоративӣ таҳқиқ карда мешавад. Ба ақидаи муаллиф, моҳияти танзими ҳуқуқӣ аз режими давлатӣ вобастагӣ дошта,

дар давлати авторитарӣ ва демократӣ вазифаҳои гуногунро иҷро мекунад (саҳ.102-103). Ин ақида қобили қабул аст, чунки моҳияти танзими ҳуқуқиро дар иртибот бо инкишофи муносбатҳои ҷамъиятӣ муайян мекунад. Хулоса пешкаш мешавад, ки танзими ҳуқуқӣ на танҳо аз нигоҳи меъёрӣ-догмавӣ (таҳлилӣ, позитивӣ), балки дар заминаи омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ бояд таҳлил карда шавад. Мафҳуми танзими ҳуқуқӣ дар заминаи тафовути мафҳумҳои «танзими ҳуқуқӣ» ва «таъсиррасонии ҳуқуқӣ», дар таносуб бо танзими иҷтимоӣ муайян карда мешавад. Танзими ҳуқуқӣ чун як шакл, намуд ё самти таъсиррасонии ҳуқуқӣ таъриф дода мешавад (саҳ.107). Хусусиятҳои мафҳуми танзими ҳуқуқӣ дар назарияи либертарии В.С. Нерсесянс ва дар робита бо мафҳуми амали ҳуқуқӣ дар назарияи В.В. Лазарев муайян карда мешавад.

Дар зербоби дуюм “Меъёрҳои корпоративӣ дар механизми танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ” мафҳуми меъёрҳои корпоративӣ дар робита бо мафҳуми меъёри ҳуқуқӣ муайян карда мешавад. Меъёрҳои корпоративӣ чун унсури механизими танзими ҳуқуқӣ таҳлил ғардида, бо ин мақсад мафҳуми механизми танзими ҳуқуқӣ ва механизми таъсиррасонии хуқуқӣ, унсурҳои механизими танзими ҳуқукӣ таҳқиқ карда мешаванд (саҳ.118-121). Хусусиятҳои меъёрҳои корпоративӣ, аз ҷумла ҳатмӣ, давомнок, ғайриинфиродӣ будани онхо муайян карда мешаванд (саҳ.128), меъёрҳои корпоративии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва тиҷоратӣ ҷудо карда мешаванд. тафовути меъёрҳои корпоративӣ аз меъёрҳои инфиродӣ аниқ карда мешавад (саҳ.126-127). Муаллиф нуқтаи назари танқидии хешро оид ба унсурҳои ахлоқӣ-маънавии меъёрҳои корпоративӣ, ки дар асарҳои як қатор олимон пазируфта мешавад, изҳор мекунад (саҳ.128). Фарқияти меъёрҳои корпоративӣ аз меъёрҳои сиёсӣ, дини, ахлокӣ ва диғари иҷтимоӣ дар заминаи субъектон, шаклҳои ифода, манфиатҳои қонунӣ муайян карда мешавад (саҳ.129-135). Муаллиф мафҳуми меъёрҳои корпоративиро пешкаш мекунад. Ба ақидаи муаллиф, меъёрҳои корпоративӣ қоидаҳои рафтор мебошанд, ки аз ҷониби ташкилоти корпоративӣ муқаррар шуда, нисбати доираи муайяни ашхос татбиқ мешаванд, бо чораҳои

таъсиррасонии корпоративӣ таъмин шуда, ба амалигардонии манфиатҳои ташкилот равона карда мешаванд (саҳ.137).

Дар зербоби сеюм “Хусусиятҳои танзими ҳуқуқи корпоративӣ” мафҳуми ҳуқуқи корпоративӣ ҳамчун низоми қоидаҳои рафтори аз тарафи мақомоти идоракунии корпоратсия муқарраршуда тавсиф дода мешавад (саҳ.138). Бо мақсади муайян намудани мустақилияти ҳуқуқи корпоративӣ хусусиятҳои он, аз ҷумла низомнокии меъёрҳои корпоративӣ, умумиҳатмӣ будани онҳо, ифодаи хаттии ин меъёрҳо, таъминоти ҳуқуқии онҳо бо чораҳои маҷбурсозӣ таҳлил карда мешаванд. (саҳ.139-141). Ба ақидаи муаллиф, ҳуқуқи корпоративӣ институти ҳуқуқи соҳибкорӣ мебошад. Аз ҳуқуқи корпоративии объективӣ мафҳуми ҳуқуқи субъективии корпоративӣ ҳамчун андозаи рафтори имконпазири субъекти муносибатҳои корпоративӣ фарқ мешавад. Ҳуқуқи корпоративӣ ба маънои институти қонунгузорӣ, яъне маҷмӯи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ, ҳамчуни, ба ҳайси соҳаи донишҳои илмӣ таҳлил мешавад (саҳ.141-144).

Дар зербоби чорум “Масъалаҳои мубрами меъёрҳои корпоративӣ ва намудҳои онҳо” омилҳо ва заминаҳои таснифи меъёрҳои корпоративӣ таҳлил карда мешавад. Меъёрҳои корпоративӣ дар робита бо мазмуни ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ ба меъёрҳои шахсӣ-ташкилӣ ва техникӣ-ташкилӣ ҷудо карда мешаванд (сах.154), тафовути меъёрҳои корпоративии ташкилотҳои тиҷоратӣ, ғайритиҷоратӣ ва давлатӣ муайян карда мешавад (саҳ.154-157). Аз рӯи мазмуни ҳуқуқӣ-техникӣ, яъне тарзҳо ва воситаҳои техникаи ҳуқуқӣ меъёрҳои корпоративиро муаллиф ба навъҳои зерин ҷудо мегарданд: меъёрҳои корпоративии эъломиявӣ; меъёрҳо-принсипҳои корпоративӣ; меъёрҳои корпоративии мафҳумӣ (дефинитивӣ);меъёрҳои корпоративии таснифотӣ (саҳ.160). Вобаста ба асосҳои қабул, меъёрҳои корпоративии деаэраторӣ ва меъёрҳои эҷодӣ (креативӣ), аз рӯи шакли зоҳирии ифодаёбӣ меъёрҳои корпоративии расман муайянгардида ва расман муайяннагардида ё ғайриҳуҷҷатӣ, вобаста ба субъектони амалисозӣ меъёрҳои корпоративии амалисозии фардӣ ва дастаҷамъӣ, вобаста ба усули танзими ҳуқуқӣ меъёрҳои

корпоративии императивӣ, диспозитивӣ, тавсиявӣ, ҳавасмандгардонӣ ҷудо карда мешаванд (саҳ.161-164).

Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсияи Азимова З.М. инҳо мебошанд: пешбарии мафҳуми санади корпоративӣ чун намуди мутақилими санади ҳуқуқӣ; муайян намудани нишонаҳои санадҳои корпоративӣ дар муқоиса бо дигар санадҳои ҳуқуқӣ; муайян намудани тафовути санадҳои корпоративии меъёрӣ ва фардӣ ҳамчун намудҳои санади ҳуқуқӣ дар заминаи мазмуни меъёрӣ ва ҳуқуқии онҳо; пешниҳод намудани мафҳуми илмии санадҳои меъёрии ҳуқуқии корпоративӣ ҳамчун намуди мустақили санадҳои ҳукуқии дорои мазмуни меъёрӣ дар муқоиса бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ: муайян намудани фарқияти санадҳои меъёрии ҳуқуқии корпоративӣ ва санадҳои ҳуқуқии меъёрӣ дар заминаи нишонаҳои асосии ин санадҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла педмети танзими ҳуқуқӣ, субъектони қабулкунандла, эътибори ҳуқуқӣ, хусусиятҳои меъёрҳои корпоративӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ; аниқ намудани нишонаҳои санади меъёрии ҳуқуқии корпоративӣ ҳамчун намуди мустакили санади ҳуқуқӣ; муайян намудани хусусиятҳои фазои амали санадҳои меъёрии ҳуқуқии корпоративӣ дар таносуб бо санадҳои қонунгузорӣ, аз ҷумла ҳудуди амали санадҳои меъёрии ҳуқуқии корпоративӣ. эътибори ҳукуқии онҳо; таҳқиқи функсияҳои танзимии санадҳои меъёрии ҳуқуқии корпоративӣ ҳамчун асоси пайдоиш, тағйирёбӣ ва қатъи муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ дар робита бо предмет, тарзҳо ва усулҳои танзими корпоративӣ; муайян намудани доираи амали якҷояи санадҳои меъёрии ҳуқуқии корпоративӣ ва санадҳои қонунгузорӣ; талаботи пешниҳодшаванда ба санадҳои меъёрии ҳукуқии корпоративӣ; таҳқиқи низоми мартаботии санадҳои меъёрии ҳуқуқии корпоративӣ бо дарназардошти эътибори ҳуқуқии онҳо, функсияҳо, тарзу усулҳои танзими корпоративӣ; таснифи илмии санадҳои меъёрии ҳукуқии корпоративӣ бо мақсади муайян намудани намудҳои имокнпазири онҳо дар шароити вусъати фаъолияти озоди иқтисодӣ; пешниҳоди маҷмӯи талаботи ҳуқуқӣ. ки риояи онҳо сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқии корпоративро таъмин мекунанд, аз ҷумла

талабот ба субъектони ҳуқуқэҷодкунии корпоративӣ, ба механизмҳои изҳори ирода, истифодаи тарзу усулҳои танзими корпоративӣ, қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқӣ, риояи шаклҳои ифодаи хаттӣ; муайян намудани ҳолатҳое, ки камбудӣ ва нуқсонҳои санадҳои меъёрии корпоративиро ошкор мекунанд; муайян намудани афзалияти санадҳои меъёрии ҳуқуқии корпоративӣ дар байни санадҳои дигари ҳуқуқӣ, дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, дар фазои ҳуқуқии мамлакат, дар рушди муносибатҳои озоди иқтисодӣ; пешниҳоди тавсияҳо бо мақсади такмили санади меъёрии ҳуқуқии корпоративӣ.

Нуктаҳои илмӣ, ақидаҳо, мафҳумҳои илмӣ, ки дар диссертатсия пешниҳод мешаванд. аз лиҳози илмӣ асоснок гардида, дар муқоиса бо ақидаҳои илмии пазируфташудаи илми ҳуқуқшиносӣ навгонии илмӣ доранд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба такмили санади меъёрии ҳуқуқии корпоративӣ ва танзими ҳуқуқии санадҳои корпоративӣ, ифодаи қонунии мафҳуми “корпоратсия”, аниқ намудани таносуби истолоҳоти “санадҳои корпоративӣ” ва “санадҳои локалӣ”, таснифи намудҳои корпоратсияҳо пешниҳод мешаванд. Тавсияҳои муаллиф қобили қабул буда, аҳаммияти амалӣ доранд.

Айни замон диссертатсияи Азимова З.М. ба мисли ҳама гуна таҳқиқоти эҷодии илмӣ як қатор нуктаҳои илмии мубоҳисавӣ дорад.

1. Дар диссертатсия мафҳуми васеи «таъсирасонии ҳуқуқӣ» дар робита бо истифодаи воситаҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ пешниҳод мешавад. Дар натиҷа таъсиррасонии иттилоотӣ, арзишӣ, тарбиявӣ ба мафҳуми таъсиррасонии ҳуқуқӣ дохил карда мешавад. Ба ақидаи Азимова З.М. танзими ҳуқуқӣ аз таъсиррасонии ҳуқуқӣ фарқ дошта, истифодаи воситаҳои ҳуқуқиро дар назар дорад. Танзими ҳуқуқӣ ҳамчун шакли таъсиррасонии ҳуқуқӣ дарк карда мешавад (саҳ.105 дисертатсия).

Ин ақидаи Азимова З.М. аз нуқтаи назариявӣ мубоҳисавӣ мебошад, чунки мафҳуми таъсиррасонии ҳуқуқиро дар иртибот бо воситаҳои ҳуқуқӣ

ва ғайриҳуқуқӣ муайян мекунад. Истифодаи воситаҳои гайриҳуқуқӣ моҳияти таъсиррасонии ичтимоиро ташкил медиҳад. Таъсиррасонии ичтимоӣ истифодаи меъёрҳои ичтимоиро пешбинӣ мекунад. Барои ҳамин, таъсирраоснии ҳуқуқӣ ва танзими ҳуқуқӣ бо ҳамдигар алоқа доранд, чунки истифодаи танҳо воситаҳои хуқуқиро дар назар доранд. Танзими ҳуқуқӣ на шакл ё намуд, балки яке аз вазифаҳои таъсирраоснии ҳуқуқӣ мебошад. Илова бар ин, мафҳуми танзими ҳуқуқӣ танҳо бо назарияи позитивии ҳуқуқ алоқаманд набуда, ҳамчун воситаи инкишофи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ баромад мекунад.

2. Ба ақидаи Азимова З.М. ҳуқуқи корпоративӣ низоми қоидаҳои рафтор мебошад, ки аз тарафи мақомоти идоракунии корпоратсия муқаррар карда мешаванд, барои иштирокчиёни корпоратсия ҳатмӣ мебошанд ва бо қувваи маҷбурсозии корпоративӣ, дар сурати нокифоя будани он бо қувваи маҷбурсозии давлатӣ ҳифз карда мешаванд. Ба ибораи дигар, муаллиф ҳуқуқи корпоративиро ҳуқуқи дохилиташкилотӣ ё дохилифирмавӣ меномад (саҳ.138 диссертатсия).

Ақидаи зикршуда аз ҷониби як қатор олимон низ дастгирӣ меёбад. Ҳуқуқи корпоративӣ дар шакли санадҳои меъёрии ҳуқуқи корпоративӣ табиист, ки дар дохили ташкилоти корпоративӣ ташаккул меёбад. Аммо санадҳои меъёрии ҳуқуқии корпоративӣ танҳо бо танзими муносибатҳои дохилиташкилотӣ маҳдуд намешаванд. Меъёрҳои ҳуқуқи корпоративӣ на танҳо муносибатҳои дохилии корпоративӣ, балки муносибатҳоеро, ки берун аз ташкилоти корпоративӣ, аз ҷумла зимни таъсиси ташкилоти корпоративӣ, фаъолият, барҳамдиҳии он пайдо мешаванд, танзим мекунанд. Ин муносибатҳо бо манфиатҳои аъзоёни ташкилоти корпоративӣ ва тарафи сеюм алоқаманд мебошанд.

3. Меъёрҳои корпоративӣ аз рӯйи шакли зоҳирии ифодаёбӣ ба меъёрҳои расман муайянгардида ва меъёрҳои расман муайяннагардида ҷудо карда мешаванд. Меъёрҳои расман муайянгардида дар санадҳо ва ҳуҷҷатҳои корпоративӣ (оиннома, фармон, шартнома, дастурамал) мустаҳкам карда мешаванд. Меъёрҳои расман муайяннагардида шакли ҳуҷҷатӣ надошта, ба туфайли ҷой доштани меъёрҳои корпоративии

ҳаволакунанда истифода мешаванд, ба мисли одатҳо, меъёрҳои ахлоқӣ, эстетикӣ (саҳ. 161).

Ин ақида аз нуқтаи назари илмӣ баҳснок аст. Меъёрҳои расман муайянгардида ва расман муайяннагардида дар диссертатсия дар робита бо шакли ифодаашон ҷудо карда мешаванд. Ба ақидаи муаллиф, меъёрҳои расман муайянгардида дар ҳуҷҷатҳо ифода мешаванд, меъёрҳои расман муайяннагардида бошанд, дар шакли меъёрҳои корпоративии ҳаволакунанда ҷой доранд. Аммо меъёрҳои корпоративӣ, аз ҷумла меъёрҳои корпоративии фардӣ ё ғйримеъёрӣ метавонанд дар шакли шифоҳӣ ҷой дошта бошанд. Илова бар ин, агар меъёрҳои расман муайяннагардида дар шакли одатҳо, меъёрҳои ахлоқӣ, эстетикӣ ҷой дошта бошанд, пас онҳо мазмуни меъёриро аз даст медиҳанд, мазмуни меъёри корпоративиро ташкил дода наметавонанд. Дар ин ҳолат фарқи меъёрҳои корпоративӣ ва меъёрҳои дигари иҷтимоӣ пурра ба инобат гирифта намешавад.

Камбудӣ ва норасоиҳое, ки дар боло қайд шуданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбии таҳқикоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда мураккаб ва баҳснок буда, муаллиф дар ҳалли масъалаҳои назариявӣ  ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст. Ҳамаи ин хоси гузаронидани таҳқиқоти илмӣ мебошад.

Диссертатсияи Азимова З.М. ба талаботи бандҳои 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Карори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, кори илмӣ-тахассусие мебошад, ки барои рушди назарияи давлат ва ҳуқуқ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ аҳаммият дорад.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, ягонагии дохилии мантиқӣ дорад. Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ навгонии илмӣ дошта, саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро дар илм собит менамоянд.

Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷаллаҳои илмӣ оид ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба табъ расидаанд.

Автореферати дисертатсия мазмун ва моҳияти диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос менамояд.

Дар маҷмуъ, бояд қайд намуд, ки диссертатсияи Азимова З.М. дар мавзӯи "Санадҳои корпоративӣ дар механизми танзими ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқи ҳуқуқии умуминазариявӣ " кори илмии мустақилона анҷомёфта буда, дар он натиҷаҳои нави илман асоснок ба даст омадаанд. Муаллифи диссертатсия Азимова Зебоҷон Муродалиевна бошад, барои гирифтани унвони илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат: таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ сазовор мебошад.

**Муқаррizi расмӣ: доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон** **Эльназаров Д.Х.**

**Имзои Элназаров Д.Х. - ро тасдиқ мекунам**
**Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон** **Давлатов Х.Х.**

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. М. Турсунзода 30; Тел.: (99 -237); 2-27-46-86, (99-237) 2278648, e-mail: sabkar@list.ru**